ЛУТФИЯ ИММАТОВА

# РОСТАКУ ЧАПАК



ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2019

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**УДК 373.167.1**
**ББК 81. 2.**
**И-14.**

**И-14.** Имматова Лутфия. **Ростаку Чапак.** Душанбе, Маориф, 2019, 16 саҳ.

Муаллифи “Ростаку Чапак” ҳанӯз аз саҳфаҳои аввал хонандаро ба олами тазод дар табиат ворид мекунад ва бо гуфтугӯи ду рустанӣ тасбит менамояд, ки баъзан мо бе таҳлилу санҷиш амалеро анҷом медиҳем, ки оқибат пушаймонӣба бор меорад. Қабл аз хулосаи нодуруст баровардан, зарур аст, ба ҳаводиси гирду атроф жарфтар бингарем ва аз ҳикматҳои ниҳони табиат бар манфиати худу дигарон истифода кунем.

**ISBN 978–99947–1–523–7**
**© МАОРИФ, 2019**



Буд, набуд, ду офтобпараст буд. Яке дар тарафи рости боғ ҷой дошту дигаре дар тарафи чапи он. Барои ҳамин номи онҳо Ростаку Чапак буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аввали баҳор. Вақте ки нурҳои Офтоб аз паси кӯҳ намудор мешуд, Ростак хурсанд шуда мегуфт:

– Чӣ хел хуб! Офтоб ба ҷониби ман мебарояд. Ман гарм мешавам, донаҳои ман тезтар пухта мерасанд!

– Чӣ ин қадар дод мезанӣ? – овоз баланд кард Чапак. – Офтоб танҳо аз они ту нест, ба тарафи ман ҳам меояд!





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



– Не, – ҷавоб медод Ростак, – ту офтоби худатро ёб, ин офтоби ман аст!

Аз ин суханҳо табъи Чапак хира мешуд. Охир, вай шаби дароз то субҳ баромадани офтобро интизор буд ва бисёр мехост, ки дар зери офтоб бошаду гарм шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ниҳоят, баъд аз нисфирӯзӣ ҳолат тағйир ёфт. Офтоб ба ҷониби дигари осмон гузашт ва акнун Ростак дар соя монд. Он гоҳ Чапак аз хурсандӣ рақсу бозӣ намуда, Ростакро таъна зада мегуфт:





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



– Ана дидӣ, ин қадар лоф задӣ, офтоб танҳо аз ту не, ба тарафи ман ҳам омад!

– Ту офтоби маро кашида гирифтӣ! Чапаки дузду ғоратгар! Чаро ту офтоби маро куздидӣ? – дод мезад Ростак.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар рӯз байни Ростаку Чапак чунин ҷангу ҷанҷол буд. Хуллас, Ростаку Чапак баҳору тобистонро бо баҳс гузаронида нафаҳмиданд, ки чӣ гуна фасли тирамоҳ омад.





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Вақти ғундоштани ҳосил фаро расид. Ҳаво торафт сард гашта офтоб аз зери абрҳо намудор мешуд. Ростаку Чапак акнун пухта расида буданд. Донаҳояшон калон-калон, дар навда сарҳо хам, базӯр рост меистоданд. Аммо рафторашон дигар нашуда буд. Ҳоло ҳам бо якдигар ҷанҷол мекарданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дарахти себ чанчоли Ростаку Чапакро шунида, фикр мекард, ки шояд рӯзе мерасаду онҳо муросо мекунанд. Ин саҳар боз ба гӯшаш таънаву дашноми ҳамсояҳо расид. Ӯ дигар тоқат накарда, гуфт:





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



– Эй, нодонҳо!  Офтоб аз они ҳеҷ кас нест. Офтоб – офтоби ҳама аст. Саҳар, якеро гарм мекунад, баъд аз нисфирӯзӣ дигареро. Ӯ хеле меҳрубон аст, ки равшанӣ ва нури худро ба ҳама баробар тақсим мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нури худро на танҳо ба мо, балки ба ҳамаи мавҷудоти олам – одамон, рустаниҳо, ҳайвонҳо ва дашту саҳро паҳн мекунад.

Даштеро аз дaште ва кӯҳеро аз кӯҳе боло намегузорад, баръакс ба ҳар як гӯшаи олам бо навбат нури худро ҳадя мекунад.





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Ӯ бо тамоми бузургӣ ва шаҳоматаш хеле хоксор мебошад. Ҳеҷ гоҳ гармии худро аз касе пинҳон намекунад. Ман фикр кардам, ки ақли шумо медарояду бо якдигар оштӣ мешавед. Вале афсӯс! Ҳайфи умри шумо, ки онро бо ҷанҷол гузаронидед! Ҳоло ҳам дер нашудааст, оштӣ шавед, зудтар бо якдигар сулҳу салоҳ кунед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Суханони дарахти себ ба Ростак таъсир расониданд. Вай хеле фикр карда оқибат ба худ гуфт:

– Дар ҳақиқат дарахти себ рост мегӯяд. Охир, офтоб барои ҳар дуи мо, баробар нурпошӣ мекунад. Мо ҳам метавонем мисли офтоб ба ҳамдигар дилгарм бошем! Мо беҳуда якдигарро ранҷонидем. Бояд бо Чапак оштӣ шавам ва бахшиш пурсам.





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Ӯ бо умед ба тарафи ҳамсояаш – Чапак нигоҳ кард, аммо ӯро дар ҷояш надид. Ба атроф нигоҳ кард ва боғбонро дид, ки ҳосили боғро ҷамъ мекард. Чапакро дар байни алафҳои даравида дид ва хеле ғамгин шуд.

– Афсӯс! – гуфт Ростак ғамгинона. – Чаро мо ба қадри якдигар нарасидем?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**ЛУТФИЯ ИММАТОВА**

# РОСТАКУ ЧАПАК

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Меликова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. Салоҳиддинзода |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Рассом | З. Давлатшоева |
| Тарроҳ | М. Назриева |

Муаллиф ба Оҷонсии ИМА оид ба Рушди байналмилалӣ ва Фонди Тоҷикистонии Оғохон барои нашри ин китоб изҳори миннатдорӣ менамояд.

Ба чоп 00.00.2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/8. Коғази офсет. Чопи офсет
Ҷузъи чопӣ 2,0
Ададаи нашр 00 000 нусха.
Супориши № 106/2019

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
7340243, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-64
E-mail: najmiddin64@mail.ru

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед